# Воҷиботе, ки бар ҳар мусалмони мард ва зан, донистани он зарурӣ аст

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]


*Ҷамъоварии Шайх Абдуллоҳ бин Иброҳим Қаръовӣ*

*Тарҷумаи форсии Исҳоқ бин Абдуллоҳ бин Муҳаммади Дабирӣ*



2011 - 1432

IslamHouse.com

# ﴿ الواجبات المتحتمات المعرفة على كل مسلم ومسلمة ﴾

«باللغة الطاجيكية»


جمع و إعداد: الشيخ عبد الله بن إبراهيم القرعاوى

ترجمة: إسحاق بن عبد الله بن محمد الدبيرى



2011 - 1432

IslamHouse.com

# Муқаддимаи мутарҷим

إنَّ الحمد لله نحمده ونستعينه ونستغفره ونعوذ بالله من شرور أنفسنا ومن سيئات أعمالنا من يهده الله فلا مضل له ومن يضلل فلا هادي له وأشهد أن لا إله إلاَّ الله وحده لا شريك له وأشهد أنَّ محمداً عبده ورسوله صلى الله عليه وعلى آله وأصحابه ومن تبعهم بإحسان إلى يوم الدين.

أما بعد:

Худованд мефармояд:

«وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ ﴿٣٦﴾» [النساء: ٣٦]

**«Ва Худовандро парастиш кунед ва чизеро ба Ӯ шарик наоваред» (Сураи Нисо: ояти 36).**

Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба Муъоз ибн Ҷабал (разиаллоҳу анҳу) мефармояд:

«أتدري ما حق الله على العباد قال: الله ورسوله أعلم، قال: أن يعبدوه ولا يشركوا به شيئاً، ثم أتدري ما حق العباد على الله إذا فعلوا ذلك أن لا يعذبهم».

[متفق عليه].

***«Оё медони ҳаққи Худо бар бандагонаш чист? Гуфт: Худо ва Расули Худо беҳтар медонанд, фармуд: ин ки Худоро ибодат кунанд ва ҳеҷ чизеро шарики Ӯ қарор надиҳанд, сипас фармуд: оё медони ҳаққи бандагон бар Худо чист агар ин амалро (ҳаққи Худоро) анҷом доданд? Ин ки онҳоро азоб надиҳад». (Муттафақ алайҳи)***

Чизе, ки дар он ҳеҷ шак ва тардиде нест ин ки: илм ва дониши худошиносӣ ва ақидаи исломӣ, асос ва бунёди тамоми донишҳои башар меравад, шоистаи он аст, ки мо тамоми мусалмонон ба он инояти беҳтар ва бештаре дошта бошем то ин ки ба мавҷиби он аъмол ва кирдори мо саҳеҳ ва назди Борӣ Таъоло мавриди қабул бошад, бахусус дар ин замоне, ки ҷараёноти инҳирофӣ ва гумроҳкунандаи куфр ва илҳод ва тасаввуф ва руҳбоният ва ҷараёни қабрпарастӣ ва ширк ва бидъатҳо ва мухолифатҳои пайравӣ аз Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ва суннати ӯ ҳама ҷо фаро гирифта ва тамоми ин ҷараёнот хатарнок аст, агар мусалмони муслеҳ ба салоҳи ақидаи саҳеҳ, ки аз Қуръон ва суннат ва фаҳми салаф ва

гузаштагони уммати Муҳаммадӣ набошад бими он меравад, ки ин ҷараёноти мунҳариф ва гумроҳкунанда ӯро ба тарафи худ мекашад.

Ба ҳамин далоил барои мусалмон ёдгирии ақидаи саҳеҳи Ислом ва иноят ва таваҷҷӯҳи хос ба он зарурӣ ва лозим аст, то дар чанголи ин ҷараёноти инҳирофи ва гумроҳкунанда наяфтем. Ба ин сабаб мо ин китобро, ки „Воҷиботе, ки бар ҳар мусалмони мард ва зан, донистани он зарурӣ аст“ (الواجبات المتحتمات المعرفة على كل مسلم ومسلمة) ном дорад, ва аз суханони Шайх Муҳаммад бин Сулаймони Тамимӣ ва наводаҳои ӯ, ва ҷамъ ва тартиби Шайх Абдуллоҳ бин Иброҳими Қаръовӣ аст, тарҷума карда ва ба мусалмонони ҷаҳон, бузург ва кӯчак, ва пир ва ҷавон тақдим медорем, Умед аст мавриди қабул қарор гирад ва онро мутолиъа карда нуқоти муҳими онро дарк кунанд, то дар зиндагии рӯзмарраи худ, дунё ва охират комёб шаванд.

Ва дар поён аз Борӣ Таъоло хоҳонем, ки моро бар ин амали мутавозеъ аҷр ва подоши нек ато

фармуда, онро хосан мавриди ризо ва хушнудии худ қарор диҳад.

وآخر دعوانا أن الحمد لله رب العالمين، وصلي الله وسلم علي نبينا محمد وعلي آله وصحبه أجمعين.

# Усули сегонае, ки ёдгирии он бар ҳар мусалмони зан ва мард воҷиб аст

Ва онҳо ҳам иборатанд аз ин ки бандаи Худо дини Паёмбараш Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро бишносад.

Пас агар ба ту гуфта шуд: **<u>Парвардигори ту кист?</u>**
Бигӯ: Парвардигори ман касе аст, ки тамоми ҷаҳониёнро бо неъматҳои худ офарида ва парвариш дода, ва Ӯст Маъбуд ва Парвардигори ман, ва ғайр аз Ӯ ман маъбуди дигаре надорам.
Ва агар ба ту гуфта шуд: **<u>Дини ту чист?</u>**
Бигӯ: дини ман Ислом аст, ва он ҳам таслим шудан ба Худои Якто ва итоат аз Ӯ, ва бароат аз ширк ва мушрикон.
Ва агар ба ту гуфта шуд: **<u>Паёмбари ту чӣ касе аст?</u>**
Бигӯ: Муҳаммад ибн Абдуллоҳ ибн Абдулмутталиб ибн Ҳошим, ва Ҳошим аз қабила ва тоифаи Қурайш аст, аз арабиҳост, ва араб аз насли фарзандони Исмоил ибн Иброҳими Халил

ҳастанд, беҳтарин саломҳо ва дурудҳо нисори онон бод.

## Усули дини мубини Ислом ва асоси он ду чиз аст:

1. Амр ба ибодат ва парастиши Худои Якто ва Беҳамто, водор кардан ба он, ва дӯстӣ ва хайрхоҳӣ дар он, ва кофир донистани касе, ки ин динро тарк ва мухолифати он кунад.
2. Барҳазар доштан аз ширк дар ибодати Худо, ва шиддати накир ва мухолиифат дар он, ва душман донистани касе, ки ин амалро анҷом медиҳад, ва кофир донистани касоне, ки ширк меварзанд.

### Шурути «*Ло илоҳа иллаллоҳ*»

1. Донистани маънои он ба таври нафӣ ва исбот. Яъне (ло илоҳа) нафии тамоми анвоъи ибодат аз ғайри Худо, ва

(иллаллоҳ) исботи тамоми анвоъи ибодат барои Худои Ягона.

2. Яқин: Ва он ҳам иборатаст аз ин ки илм ва яқини комил ба он дошта бошем. Илме, ки дар он шакк ва тардиде вуҷуд надошта бошад.
3. Ихлос: Ҳамон ихлосе, ки мухолифи ширк аст.
4. Ростӣ: Ҳамон ростие, ки бо дурӯғ мунофот дорад ва монеъ аз нифоқ мешавад.
5. Дӯст доштани ин калима ва он чӣ бар он далолат дорад, ва хушҳол будан ба Ислом ва тавҳид.
6. Таслим шудан ба ҳуқуқи он, ва он ҳам анҷоми амалҳои воҷиб ба таври холис барои Худо ва талаби ризои Ӯ.
7. Қабуле, ки мунофӣ ва мухолиф ба рад кардани он мебошад.

**Далели ин шартҳо аз Қуръон ва суннати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам).**

**Далели аввал: он ҳам илм ва маърифат ба маънои он:**

«فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ ١٩» [محمد: ١٩]

**«Пас яқин бидон, ки маъбуде ба ҳақ ҷуз Худои Якто нест» (Сураи Муҳаммад: ояти 19)**

«إِلَّا مَن شَهِدَ بِٱلۡحَقِّ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ٨٦» [الزخرف: ٨٦]

**«Балки касоне (чунин ҳаққе доранд), ки онон диниста ба ҳақ гувоҳӣ дода бошанд» (Сураи Зухруф: ояти 86)**

«وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ»

яъне медонанд бо дилҳояшон, он чӣ забонҳои онҳо бо он нутқ карда аст.

Усмон бин Аффон (разиаллоҳу анҳу) ривояте мекунад, ки Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«من مات وهو يعلم أنّه لا إله إلاّ الله دخل الجنّة» [مسلم].

*«Ҳар касе, ки бимирад ва бидонад, ки маъбуде бар ҳақ ғайр аз Худои Якто нест, ба биҳишт дохил мешавад» (Ривояти Муслим).*

**Далели яқин ва имон доштан ба он:**

Худованд мефармояд:

«إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ لَمْ يَرْتَابُوا۟ وَجَٰهَدُوا۟ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ﴿١٥﴾» [الحجرات: ١٥].

**«Мӯъминон танҳо ононанд, ки ба Худо ва расулаш имон овардаанд, онгоҳ шак ба дил роҳ надодаанд ва бо амвол ва ҷонҳояшон дар роҳи Худо ҷиҳод кардаанд, инонанд, ки ростгӯянд» (Сураи Ҳуҷарот: ояти 15).**

Худованд барои сидқ ва ростӣ имонашон ба Худо ва Расул шарт карда, ки шак ба дили худ роҳ надиҳанд, яъне шак накунанд, зеро касе, ки шак кунад, аз мунофиқин шумор меравад.

Ва аз Абу Ҳурайра (разиаллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«أشهد أن لا إله إلاَّ الله و أنّي رسول الله، لا يلقى الله بهما عبد غير شاك فيهما إلاَّ دخل الجنّة» وفي رواية: «لا يلقى الله بهما عبد غير شاك فيهما فيحجب عن الجنّة» [مسلم].

*«Гувоҳи медиҳам, ки маъбуде бар ҳақ  ҷуз Худои Якто нест, ва ман Расули Худо ҳастам. Ҳар касе бо ин ду гувоҳӣ Худоро мулоқот  кунад, ва дар он шакке дар дил наёварад, ба биҳишт дохил хоҳад шуд, ва дар ривояте омадааст: ҳар касе бо ин ду гувоҳӣ Худоро мулоқот кунад дар ҳоле, ки шакке дар дили ӯ набошад, аз дохил шудан ба биҳишт ҷилавгирӣ нахоҳад шуд» (Ривояти Муслим).*

Ва дар ҷузъе аз ҳадисе, ки Абу Ҳурайра (разиаллоҳу анҳу) аз Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, омада аст, ки фармуданд:

«... من لقيت وراء هذا الحائط يشهد أن لا إلٰه إلاَّ الله مستيقناً بها قلبه فبشّره بالجنّةمن لقيت وراء هذا الحائط يشهد أن لا إلٰه إلاَّ الله مستيقناً بها قلبه فبشّره بالجنّة» [مسلم].

*«Ҳар киро пушти ин девор мулоқот карди, ки гувоҳӣ медиҳад, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ғайр аз Худои Якто нест, дар ҳоле, ки дилаш мустайқин ба он бошад, ба биҳишт мужда бидеҳ» (Ривояти Муслим).*

**Ва далели ихлос дар он:**

«أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلۡخَالِصُۚ ٣» [الزُّمَرِ: ٣]

**«Огоҳ бошед, ки дин холис (пок аз риё ва нифоқ) барои Худои Якто аст» (Сураи Зумар: ояти 3).**

Худованди Мутаъол мефармояд:

«وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ حُنَفَآءَ ٥» [البَيِّنَةِ: ٥]

**«Ва фармон наёфтанд ҷуз онки Худоро, дар ҳоле, ки парастишро барои Ӯ холис сохтаанд бо покдилӣ (динварзӣ ба оини Иброҳим) бипарастанд ва намоз бар по доранд ва закот бипардозанд ва ин аст оини ростин» (Сураи Байййина: ояти 5).**

Ва далел аз суннати Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳадиси саҳеҳ ва собит, ки Абу Ҳурайра аз Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, ки фармуданд:

(أسعد الناس بشفاعتي من قال لا إله إلاَّ الله خالصاً من قلبه أو نفسه)

[بخاري].

*«Хушбахттарин ва саъодатмандтарин мардум ба шафоъати ман Рӯзи Қиёмат касоне ҳастанд, ки бигӯянд: маъбуде бар ҳақ ғайр аз Худои Якто нест, ва ин гувоҳӣ холис аз қалб ва ҷонаш бошад» (Ривояти Бухорӣ).*

Ва дар „Саҳеҳ“ Утбон бин Молик (разиаллоҳу анҳу) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

(إنَّ الله حرّم على النار من قال لا إله إلاَّ الله يبتغي بذلك وجه الله عز وجل)

[مسلم].

*„Ҳар оина Худованд ҳаром карда бар оташ касеро, ки бигӯяд: маъбуде бар ҳақ баҷуз Худои Якто нест, ва бо ин сухани худ ризои Худовандро металабад“ (Ривояти Муслим).*

Имом Насоӣ дар китоби „Амал аляума валлайлата“ (عمل اليوم و الليلة) аз ду нафар саҳоба, разияллоҳу анҳумо, ривоят мекутад, ки Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«من قال لا إله إلاَّ الله وحده لا شريك له، له الملك وله الحمد وهو على كل شيء قدير مخلصاً بها قلبه، يصدق بها لسانه، إلاَّ فتق الله لها السماء فتقاً حتى ينظر إلى قائلها مـن أهل الأرض، وحق لعبد نظر الله إليه أن يعطيه سؤله» [ابن رجب].

*«Ҳар касе, ки гуфт: ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ғайр аз Худои Якто нест, ва Ӯ ҳеҷ шарике надорад, ва барои Ӯст мулки ҷаҳониён ва ҳамд ва ситоиш, ва Ӯ бар ҳама чиз қодир аст, дар ҳоле, ки гуфтааш ба он холисона аз қалби ӯ бошад, ва забони ӯ бар он тасдиқ кунад, Худованд осмонро шикофта то ба гӯяндаи ин калимот, ки аз мардуми замин аст, бингарад, ва хушо ба касе, ки Худо ба ӯ нигоҳ кунад, ки агар аз Ӯ суол ва дуъое кунад, Худованд ба ӯ ато мефармояд» (Ибни Раҷаб).*

**Ва далели сидқ ва ростгӯӣ:**

Худованд мефармояд:
«وَلَقَدۡ فَتَنَّا ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۖ فَلَيَعۡلَمَنَّ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ صَدَقُواْ وَلَيَعۡلَمَنَّ ٱلۡكَٰذِبِينَ ٣» [العَنكبُوتِ: ٣]

**„Алиф лом мим“** – ин ҳуруф ишора ба асмо ва ё асрори байни Худо ва Расули Худост ва тақсири зиёде дар ин калима омадааст. **“Оё мардум мепиндоранд, ки раҳо мешаванд ба (танҳо) он ки мегӯянд: „Имон овардаем“, ва онон озмуда намешаванд. Ва ба ростӣ касонеро, ки пеш аз онон буданд, озмудем, пас албатта Худованд ононро, ки рост гуфтанд маълум медорад ва дурӯғгӯёнро (низ) маълум хоҳад дошт“ (Сураи Анкабут: оёти 2 ва 3**).

Ва дар ҳадиси саҳеҳ Муъоз ибн Ҷабал (разиаллоҳу анҳу) аз Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, ки фармуданд:

«ما من أحد يشهد أن لا إله إلاَّ الله وأنَّ محمداً عبده ورسوله صدقاً من قلبه إلاَّ حرّمه الله على النار» [متفق عليه].

*„Ҳар кас гувоҳӣ диҳад, ки маъбуде ба ҳақ ҷуз Худои Якто нест ва Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост, ва ин гувоҳӣ содиқона ва аз қалби ӯ бошад, Худованд оташи ҷаҳаннамро бар ӯ ҳаром мегардонад“ (Муттафақ ъалайҳи).*

**Ва далели дӯстӣ ва муҳаббат:**

Худованд мефармояд:

«وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَندَادًا يُحِبُّونَهُمۡ كَحُبِّ ٱللَّهِۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَشَدُّ حُبًّا لِّلَّهِۗ ۝١٦٥» [البَقَرَة: ١٦٥]

**«Ва аз мардум касоне ҳастанд, ки ба ҷои Худо ҳамтоёнеро (барои Ӯ) бармегиранд, ки онҳоро монанди дӯст доштани Худо дӯст медоранд. Ва мӯъминон дар дӯстии Худо қавитаранд» (Сураи Бақара: ояти 165).**

Ва ҳамчунон Худованд мефармояд:

«يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَن يَرۡتَدَّ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَسَوۡفَ يَأۡتِي ٱللَّهُ بِقَوۡمٖ يُحِبُّهُمۡ وَيُحِبُّونَهُۥٓ أَذِلَّةٍ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى ٱلۡكَٰفِرِينَ يُجَٰهِدُونَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوۡمَةَ لَآئِمٖۚ ۝٥٤» [المَائِدَة: ٥٤]

**«Ай мӯъминон, ҳар касе аз шумо, ки аз динаш баргардад (бидон, ки) Худованд гурӯҳеро дар миён хоҳад овард, ки ононро дӯст медорад ва (онон низ) Ӯро дӯст медоранд. (Қавме, ки) бар мӯъминон фурӯтан ва бар кофирон дуруштхӯянд, дар роҳи Худо ҷиҳод мекунанд**

**ва аз сарзаниши ҳеҷ сарзанишкунандае намеҳаросанд» (Сураи Моида: ояти 54).**

Анас бин Молик (разияллоҳу анҳу) аз Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, ки фармуданд:

(ثلاثٌ من كنَّ فيه وَجَدَ حلاوة الإيمان: أن يكون الله ورسوله أحب إليه مما سواهما وأن يحب المرء لا يحبه إلاَّ لله، وأن يكره أن يعود في الكفر بعد أن أنقذه الله منه كما يكره أن يقْذَف في النار) [متفق عليه].

*„Се чиз аст, ки агар дар инсон бошад, ширинии имонро дарк мекунад: инки Худо ва Расули Ӯ маҳбубтар аз ҳама чиз бошад, ва инки мардумро фақат барои Худо ва ризо ва хушнудии Ӯ дӯст бидорад, ва инки аз баргаштан ба куфр баъд аз онки Худованд Ӯро аз он наҷот дода, нафрат дошта бошад, ҳамчуноне, ки аз партоб шудан ва андохтани худаш дар оташ нафрат дорад“ (Муттафақ ъалайҳи).*

**Далели наҷот ёфтан ва таслим шудан:**

Худованд муфармояд:

«وَأَنِيبُوٓاْ إِلَىٰ رَبِّكُمۡ وَأَسۡلِمُواْ ﴿٥٤﴾» [الزُّمَرِ: ٥٤]

**«Ва пеш аз он ки азоб ба шумо расад, он гоҳ ёрӣ наёбед, ба сӯи Парвардигоратон бозоед ва дар баробари Ӯ таслим шавед» (Сураи Зумар: ояти 54).**

Ва Худованд мефармояд:

«وَمَنۡ أَحۡسَنُ دِينٗا مِّمَّنۡ أَسۡلَمَ وَجۡهَهُۥ لِلَّهِ وَهُوَ مُحۡسِنٞ ١٢٥» [النِّسَاءِ: ١٢٥]

**«Ва чӣ касе некоинтар аст аз касе, ки некӯкорона рӯи хештан ба сӯи Худо ниҳод (яъне, роҳи фармонбарии Худо ва ихлос барои Ӯ дар пеш гирифт)» (Сураи Нисо: ояти 125).**

Ва Худованд мефармояд:

«وَمَن يُسۡلِمۡ وَجۡهَهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ وَهُوَ مُحۡسِنٞ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰۗ ٢٢»

[لقمان: ٢٢]

**«Ва ҳар кас некӯкорона рӯи (дили) хеш ба сӯи Худованд оварад, бидон, ки ба дастовези устувор чанг зада аст» (Сураи Луқмон: ояти 22).**

Ва ҳамчунин мефармояд:

«فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيمًا ﴿٦٥﴾» [النساء: ﴿٦٥﴾]

**«Савганд ба Парвардигорат, (дар ҳақиқат) имон наёваранд магар он ки дар ихтилофе, ки байни онон даргирифт, туро довар кунанд, онгоҳ аз он чӣ ҳукм карди дар худ ҳеҷ дилтангӣ наёбанд ва комилан гардан ниҳанд» (Сураи Нисо: ояти 65).**

Ва дар ҳадиси Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

(لا يؤمن أحدكم حتى يكون هواه تبعاً لما جئت به) [شرح السنة].

*„Ҳеҷ кас аз шумо мӯъмин намешавад, то он ки ҳаво ва ҳавас ва дӯстии ӯ тобеъ ва мувофиқи он чӣ ман овардаам набошад“ (Шарҳи суннат).*

Ва ин мунтиҳои инқиёд ва таслим шудан мебошад.

**Далели қабул кардан ва таслим шудан ба ҳуқуқи он:**

Худованд мефармояд:

«قَالَ أَوَلَوْ جِئْتُكُم بِأَهْدَىٰ مِمَّا وَجَدتُّمْ عَلَيْهِ ءَابَآءَكُمْ ۖ قَالُوٓا۟ إِنَّا بِمَآ أُرْسِلْتُم بِهِۦ كَٰفِرُونَ ﴿٢٤﴾ فَٱنتَقَمْنَا مِنْهُمْ ۖ فَٱنظُرْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُكَذِّبِينَ ﴿٢٥﴾» [الزخرف: ﴿٢٤﴾ ﴿٢٥﴾]

**«Ва ҳамчунин пеш аз ту дар ҳеҷ шаҳре ҳушдордиҳандае нафиристодаем, магар он ки неъматёфтагонаш гуфтанд: Мо падаронамонро (пойбанд) ба оине ёфтаем ва бе гумон бар рад ва нишони онон иқтидо мекунем. Бигӯ: Оё (ба пайравӣ аз падаронатон пойбанд мемонед) ҳар чанд бароятон ҳидояткунандатар аз он чӣ падаронатонро бар онон ёфтаед, оварда бошем? Гуфтанд: Мо ба он чӣ ба он рисолат ёфтаед, нобоварем. Онгоҳ аз онон интиқом гирифтем. Пас бингар саранҷоми дурӯғангорон чӣ гуна буд?» (Сураи Зухруф: оёти 23, 24, 25).**

Худованд мефармояд:

«إِنَّهُمۡ كَانُوٓاْ إِذَا قِيلَ لَهُمۡ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ يَسۡتَكۡبِرُونَ ۝٣٥ وَيَقُولُونَ أَئِنَّا لَتَارِكُوٓاْ ءَالِهَتِنَا لِشَاعِرٖ مَّجۡنُونِۢ ۝٣٦» [الصافات: ٣٥ ٣٦].

«Онон (чунон) буданд, ки чун ба онон гуфта мешуд: маъбуди ҳаққе ҷуз Худованди (Якто) нест, саркашӣ мекарданд. Ва мегуфтанд: оё мо маъбудони хешро ба хотир (сухани) шоири девона тарк гӯем?» (Сураи Саффот: ояти 35 ва 36)

Абумӯсои Ашъарӣ (раҳияллоҳу анҳу) ривоят мекунад, ки Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَثَلُ ما بعثني اللهُ به من الهُدى والعلم كمَثَلِ الغيثِ الكثير أصاب أرضاً فكان منها نَقيةٌ قَبِلَت الماء فأنبتت الكلأ والعُشْبَ الكثير وكانت منها أجادبُ أمسكت الماء فنفع الله بها الناس فشربوا وسقوا وزرعوا، وأصاب منها طائفة أخرى إنَّما هي قيعانٌ لا تمسك ماءً ولا تنبتُ كلأً؛ فذلك مَثَلُ من فقه في دين الله ونفعه ما بعثني الله به فَعَلِمَ وعَلَّمَ، ومَثَلُ من لم يرفع بذلك رأساً، ولم يقْبَلْ هدى الله الذي أرسلتُ به» [متفق عليه].

*„Мисоли он чӣ Худованд маро бар он мабъус фармуда аз ҳидоят ва илм ва дониш ҳаммонанди*

*борони зиёде аст, ки бар замин борида, баъзеи аз он замин пок ва қобили кишт буда, пас аз ин борон истифода карда ва алаф ва гиёҳони зиёде мерӯянд, ва баъзеи дигар хушк ва бе ҳосил вале обро нигаҳ медорад, ки мардум нафъ бурда аз он барои ошомидани инсонӣ ва ҳайвонӣ ва зироъат истифода мешавад, ва баъзеи аз он замин шӯразор буда, ки на обро нигаҳ медорад ва на алаф ва гиёҳ мерӯёнад, ва он мисоли касе аст, ки илми шариъат омӯхта ва аз он илм нафъ ва суд ёфта ва ба дигарон низ омӯхта, ва мисоли касе, ки ба он илм беэътиноӣ карда ва дониш ва роҳи мустақиме, ки Худованд маро бо он мабъус фармуда, қабул накарда аст“ (Муттафақ ъалайҳи).*

# Навоқизи Ислом

Бидон, ки навоқизи Ислом даҳ чиз аст:

***<u>Аввал:</u>*** Ширк овардан дар ибодати Худои Якто ва барои Ӯ шарик қоил шудан.
Худованд мефармояд:

«إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ ﴿١١٦﴾» [النساء: ١١٦]

**«Худованд намебахшад, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, ва ҷуз онро барои ҳар кас, ки бихоҳад меомурзад» (Сураи Нисо: ояти 116).**

Ва мефармояд:

« مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ﴿٧٢﴾» [المائدة: ٧٢]

**«Ба гумон касе, ки ба Худованд шарик оварад, Худованд биҳиштро бар ӯ ҳаром мегардонад**

**ва ҷойгоҳаш оташ (дӯзах) аст, ва ситамкорон ёвароне надоранд» (Сураи Моида: ояти 73).**

Ва аз ҷумлаи ширк дар ибодати Худованди Мутаъол дуъо кардани мурдагон ва талабу мадад хостан аз онҳост ва ҳамчунин назр кардан ва забҳ ва қурбонӣ барои онҳост[1].

***Дуввум:*** Касе, ки байни худ ва байни Худо воситае қарор диҳад ва аз он восита чизе бихоҳад (яъне, дуъои худро мутаваҷҷиҳи ӯ созад) ва аз ӯ шафоъат биталабад ва бар ӯ таваккал кунад, чунин ашхосе иҷмоъи уламо ва донишмандони Ислом бар куфри онон аст.

***Саввум:*** Касе, ки мушриконро кофир надонад, ва ё ин ки дар куфри он мушрикон шак ва тардид дошта бошад, ва ё ин ки мазҳаби он мушриконро саҳеҳ бидонад, кофир аст.

---

[1] Монанди касе, ки бар сари қабристонҳо қурбонӣ кунад.

***Чаҳорум:*** Касе, ки эътиқод дошта бошад, ки ҳидоят ва дастурҳои ғайри Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) комилтар ва беҳтар аст аз ҳидоят ва дастурҳои Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам), ва ё ин ки бигӯяд ҳукм ва қазовати ғайри Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) беҳтар аст аз ҳукм ва қазовати паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам), монанди касоне, ки ҳукм ва қазовати тавоғит (қавонини расмии кишварӣ)-ро, ки ғайри шаръи бошад бар қавонийни шаръи ва дини бартарӣ медиҳад ва инҳо ҳама кофир мебошанд.

***Панҷум:*** Касе, ки ба чизе аз он чи Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) барои уммати исломӣ аз ҳидояти башарӣ ва қазоват ва ҳукм ба Қуръон ва суннат оварда буғз варзад, агарчи ба он ҳукм амал кунад, дар ҳоле, ки аз он нафрат дорад, боз ҳам ҷузъи кофирон мебошад. Худованди Мутаъол мефармояд:

«ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ كَرِهُواْ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأَحۡبَطَ أَعۡمَٰلَهُمۡ ٩» [محمد: ٩]

**«Ин аз он аст, ки онон ончиро, ки Худо нозил карда аст, нохуш доштанд, дар натиҷа**

**Худованд аъмолашонро табоҳ кард» (Сураи Муҳаммад: ояти 9).**

***<u>Шашум:</u>*** Ҳар касе, ки ба чизе аз дини мубини Ислом масхара ва ришханд кунад, ҳамон дине, ки Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) онро аз тарафи Борӣ Таъоло оварда, ва ё аз савоб ва некӣ ва подоши он, ва ё аз ҷазо ва иқоб ва кайфури он, кофир шавад ва далелаш қавли Таборак ва Таъоло аст, ки мефармояд:

«قُلْ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمْ تَسْتَهْزِءُونَ ﴿٦٥﴾ لَا تَعْتَذِرُواْ قَدْ كَفَرْتُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْۚ ﴿٦٦﴾» [التوبة: ﴿٦٥﴾ ﴿٦٦﴾]

**«Бигӯ: Оё ба Худо ва оёти Ӯ ва расулаш ришханд мекардед? Узр наёваред, ба ростӣ ки пас аз имонатон куфр пеша кардед» (Сураи Тавба: оятҳои 65 ва 66).**

***<u>Ҳафтум:</u>*** Сеҳр ва ҷодугарӣ ва он чи шомили он мебошад аз қабили тирӯдастӣ байни дӯстон ва ҷалби он барои дигарон ва касе, ки онро анҷом диҳад ва ё аз он розӣ шавад, кофир гардад ва

далел қавли Таборак ва Таъоло аст, ки мефармояд:

«وَلَوۡ أَنَّهُمۡ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوۡاْ لَمَثُوبَةٞ مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِ خَيۡرٞۚ لَّوۡ كَانُواْ يَعۡلَمُونَ ١٠٣»

[البقرة: ١٠٢]

**«Ва (он ду фаришта) ба ҳеч касе (ҷоду) намеомӯхтанд, магар онки мегуфтанд: „Мо танҳо (мояи) омӯзони ҳастем, пас (бо ба кор гирии ҷоду) кофир машав» (Сураи Бақара: ояти 102).**

***Ҳаштум:*** Пуштибонӣ кардан аз мушрикон ва ёрӣ кардани онон бар зидди мусалмонон, ва далели он қавли Борӣ Таъоло аст, ки мефармояд:

«وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَإِنَّهُۥ مِنۡهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٥١»

[المائدة: ٥١]

**«Ва ҳар кас аз шумо ононро (яҳуд ва насороро) дӯст гирад, бароостӣ, ки худ аз онон аст, ба гумон Худованд гурӯҳи ситамкоронро ҳидоят намекунад» (Сураи Моида: 51).**

***Нӯҳум*:** Касе, ки мӯътақид бошад, ки баъзе аз мардум метавонанд аз шариъат ва дини Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) хориҷ шаванд, кофир мебошад.
Худованди Таборак ва Таъоло мефармояд:

«وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٨٥» [آل عمران: ٨٥]

«Ва ҳар кас дине ҷуз Ислом биҷӯяд, ҳар гиз аз ӯ пазируфта намешавад ва ӯ дар Охират аз зиёнкорон аст» (Оли Имрон: ояти 85)

***Даҳум***: Рӯйгардонӣ ва иъроз намудан аз дини Худо ва наомӯхтани Ислом ва амад накардан ба он, Ва далели он Худованд мефармояд:

«وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦ ثُمَّ أَعۡرَضَ عَنۡهَآۚ إِنَّا مِنَ ٱلۡمُجۡرِمِينَ مُنتَقِمُونَ ٢٢» [السجدة: ٢٢]

«Ва кист ситамкортар аз касе, ки ба оёти Парвардигораш панд ёбад онгоҳе аз он рӯй

бигардонад, бе гумон Мо аз Гуноҳкорон интиқом хоҳем гирифт» (Сураи Саҷда: ояти 22).
Ва дар тамоми ин навоқиз ва мухолифатҳо байни ин ки инсон ҷиддӣ бошад ва ё ин ки шӯхӣ кунад ва ё аз анҷоми он битарсад, ҳеҷ фарқе вуҷуд надорад, магар касе, ки маҷбур шуд ба анҷоми он амал кард дар ҳоле, ки ӯ розӣ нест.
Ва ҳамаи инҳо умури хатарноке аст, ки мумкин аст мардум дар он воқеъ гарданд. Пас бар мусалмон лозим аст аз онҳо барҳазар бошад ва битарсад аз ин ки дар ин гуноҳон биафтад ва бояд аз он иҷтаноб ва дурӣ варзад.

**Парвардигоро! Мо аз хашм ва ғазаб ва иқоби дардноки Ту ба Ту паноҳ мебарем.**

## Тавҳид бар се навъ аст:

***Навъи аввал:***

**Тавҳиди Рубубият**: Ва он ҳам тавҳиде аст, ки куффори Қурайш дар замони Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба он иқрор ва эътироф доштанд, вале бо ин ҳол иқрорашон онҳоро ба Ислом дохил накард, балки Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) бо онон дар роҳи Худо ба ҷанг пардохтанд, ва ҷон ва моли ононро ҳалол фармуданд.

Ва ин тавҳиди Борӣ Таъоло дар афъол ва аъмоли Ӯст.

Худованд мефармояд:

«قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أَمَّن يَمۡلِكُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَمَن يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَمَن يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۚ فَسَيَقُولُونَ ٱللَّهُۚ فَقُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ ﴿٣١﴾»[يونس: ٣١]

«Бигӯ: чӣ касе аз осмон ва замин ба шумо рӯзӣ медиҳад? Ё кист, ки Ҳоким бар гӯш ва дидагон

аст? Ва кист, ки зиндаро аз мурда берун меоварад ва мурдаро аз зинда берун меоварад? Ва кист, ки корро (ҳастиро) тадбир мекунад? Хоҳанд гуфт: Худо. Пас бигӯ: Оё парво намекунед?» (Сураи Юнус: ояти 31).

***__Навъи дуввум:__***

**Тавҳиди Улуҳият**: Ва он ҳам тавҳиде аст, ки дар он дар замони қадим ва дар ҳоли ҳозир ихтилоф шуда аст, ва он тавҳиди Худованд аст, ки афъол ва аъмоли бандагонро баён мекунад. Монанди: Дуъо ва намоз ва қурбонӣ ва умед ва орзу ва ваҳшат ва таваккал ва шавқ ва майл ва тарс ва бим ва руҷӯъ ва инобат, ва ҳар кадом аз ин ибодатҳои боло далелҳое аз Қуръон бар он ворид шуда аст.

***__Навъи саввум:__***

**Тавҳиди Зот ва Сифот ва Номи Худо.**

Худованд мефармояд:

«قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ۝١ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ۝٢ لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ۝٣ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ۝٤» [الإخلاص].

«Бигӯ: Худованд Ягона аст. Худованд Бениёз аст. На (фарзанд) зода, ва на зодашуда аст. Ва ҳеҷ кас ҳамтои Ӯ (набуда ва) нест» (Сураи Ихлос).

Ва ҳамчунин мефармояд:

«وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَاۖ وَذَرُواْ ٱلَّذِينَ يُلۡحِدُونَ فِيٓ أَسۡمَٰٓئِهِۦۚ سَيُجۡزَوۡنَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ﴿١٨٠﴾» [الأعراف: ١٨٠].

**«Ва Худованд номҳои нек дорад. Пас ба он (номҳо) Ӯро (ба дуъо) бихонед, ва ононро, ки дар номҳояш каҷравӣ мекунанд, раҳо кунед, сазои он чиро мекарданд, хоҳанд дид» (Сураи Аъроф: ояти 180).**

Ва мефармояд:

«لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ﴿١١﴾» [الشورى: ١١].

**«Чизе монанди Ӯ нест. Ва Ӯ Шунаво ва Биност» (Сураи Шуро: ояти 11)**

# Зидди тавҳид ширк аст

Ва он ҳам бар се навъ тақсим мешавад:

1. Ширки акбар.
2. Ширки асғар.
3. Ширки хуфӣ ва пинҳонӣ.

***<u>Ширки акбар:</u>*** Худованд гуноҳи ӯро намебахшад ва ҳеҷ амали солеҳ ва некро бо он қабул намекунад.
Худованд мефармояд:

«إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ ضَلَّ ضَلَٰلَۢا بَعِيدًا ﴿١١٦﴾» [النساء: ١١٦].

**«Худованд намебахшад, ки ба Ӯ шарик оварда шавад ва ҷуз онро барои ҳар кас, ки бихоҳад, меомурзад, ва ҳар кас ба Худованд шарик оварад, ба гумроҳии дур ва дарозе гирифтор омада аст» (Сураи Нисо: ояти 116).**

Ва мефармояд:

«لَقَدۡ كَفَرَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓاْ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡمَسِيحُ ٱبۡنُ مَرۡيَمَۖ وَقَالَ ٱلۡمَسِيحُ يَٰبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ رَبِّي وَرَبَّكُمۡۖ إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ٧٢» [المائدة: ٧٢]

**«Ба ростӣ касоне, ки гуфтанд: Худованд ҳамон Масеҳ фарзанди Марям аст, кофир шуданд, ҳол он ки (худи) Масеҳ гуфта буд: Ай Бани Исроил, Худоро, ки Парвардигори ман ва Парвардигори шумост, бипарастед. Бе гумон касе, ки ба Худованд шарик оварад, Худованд биҳиштро бар ӯ ҳаром мегардонад ва ҷойгоҳаш оташ (дӯзах) аст. Ва ситамгорон ёвароне надоранд» (Сураи Моида: ояти 72).**

Ва ҳамчунин мефармояд:

«وَقَدِمۡنَآ إِلَىٰ مَا عَمِلُواْ مِنۡ عَمَلٖ فَجَعَلۡنَٰهُ هَبَآءٗ مَّنثُورًا ٢٣» [الفرقان: ٢٣]

«Ва ба ҳар гуна коре, ки коридаанд, мепардозем, сипас онро (чун) ғубор барбодрафта гардонем» (Сураи Фурқон: ояти 23).

Ва мефармояд:

«لَئِنۡ أَشۡرَكۡتَ لَيَحۡبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٦٥» [الزمر: ٦٥].

«Агар шарик овардӣ, бе гумон амалкардат нобуд шуд. Ва ба яқин аз зиёнкорон шавӣ» (Сураи Зумар: ояти 65).

Ва ҳамчунин мефармояд:

«وَلَوۡ أَشۡرَكُواْ لَحَبِطَ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٨٨» [الأنعام: ٨٨].

**«Ва агар ширк меварзиданд, он чиро, ки карда буданд, аз (номаи аъмоли) онон задуда мешуд» (Сураи Анъом: ояти 88).**

***Ширки акбар бар чаҳор навъ тақсим мешавад:***

1. **Ширки дуъо ва талаб ғайр аз Худо, яъне барои ҳалли мушкилот ва қазои ҳоҷат.**

Худованд мефармояд:

«فَإِذَا رَكِبُوا فِي الْفُلْكِ دَعَوُا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ فَلَمَّا نَجَّاهُمْ إِلَى الْبَرِّ إِذَا هُمْ يُشْرِكُونَ ﴿٦٥﴾» [العنكبوت: ﴿٦٥﴾].

**«Пас чун дар киштиҳо савор шаванд, Худовандро дар ҳоле, ки дин(и худ)-ро барои Ӯ холис медоранд, ба дуъо хонанд, пас чун ононро (бо овардан) ба хушкӣ раҳоӣ бахшид, он ҳангом аст, ки онон ширк меоваранд» (Сураи Анкабут: ояти 65).**

2. **<u>Ширк дар ният ва иродат ва қасд ва мақсуд</u>.**

Худованд мефармояд:

«مَن كَانَ يُرِيدُ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا وَزِينَتَهَا نُوَفِّ إِلَيْهِمْ أَعْمَالَهُمْ فِيهَا وَهُمْ فِيهَا لاَ يُبْخَسُونَ ﴿١٥﴾ أُوْلَئِكَ الَّذِينَ لَيْسَ لَهُمْ فِي الآخِرَةِ إِلاَّ النَّارُ وَحَبِطَ مَا صَنَعُواْ فِيهَا وَبَاطِلٌ مَّا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿١٦﴾» [هود: ﴿١٥﴾ ﴿١٦﴾].

**«Ҳар кас, ки зиндагонии дунё ва таҷаммули онро хоста бошад, (подоши)**

**корҳояшонро дар он ҷо барояшон ба тамом ва камол мерасонем ва онон дар он ҷо костӣ набинанд. Инон касоне ҳастанд, ки дар Охират ҷуз оташ (ҷаҳаннам) надоранд ваончӣ дар он ҷо (дунё) карда буданд, барбод рафта ва он чиро, ки анҷом медиҳанд ботил аст» (Сураи Ҳуд: ояти 16).**

**3. <u>Ширк дар итоат.</u>**

Худованд мефармояд:

«ٱتَّخَذُوٓاْ أَحۡبَارَهُمۡ وَرُهۡبَٰنَهُمۡ أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِ وَٱلۡمَسِيحَ ٱبۡنَ مَرۡيَمَ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُوٓاْ إِلَٰهٗا وَٰحِدٗاۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۚ سُبۡحَٰنَهُۥ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٣١» [التوبة: ٣١].

**«Аҳбор (донишмандон) ва руҳбонашонро (зоҳидонашонро) ба ҷои Худованд ба маъбуди гирифтаанд, ва (низ) Масеҳ ибн Марям(ро ба худоӣ гирифтаанд), ҳол он ки фармон наёфтаанд магар он ки Худои Ягонаро бандагӣ кунанд. Маъбуде (ҳаққе)**

**ҷуз Ӯ нест. Ӯ аз он чӣ шарик меоваранд, (бас) пок (ва муназзаҳ) аст» (Сураи Тавба: ояти 31).**

Тафсири ин оят, ки дар он ягон ишколе нест, чунин мебошад: адами (нобудии, беэътибории) итоъати уламо ва зоҳидон ва обидон дар маъсияти Худо, ва адами дуъои онҳо, чунон, ки Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) онро барои Ъадӣ бин Ҳотам (разиаллоҳу анҳу) тафсир намуданд вақте, ки аз он ҳазрат суол кард, ки: мо ононро намепарастем! Он ҳазрат дар ҷавоб фармуданд: Итоати онон дар маъсияти Худованд ибодат гуфта мешавад.

4. **<u>Ширк дар муҳаббат ва дӯстӣ.</u>**

Худованд мефармояд:

«وَمِنَ النَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ اللهِ أَندَاداً يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ اللهِ وَالَّذِينَ ﴿١٦٥﴾» [البقرة: ١٦٥].

**«Ва аз мардум касоне ҳастанд, ки ба ҷои Худо ҳамтоёнеро (барои Ӯ) бармегиранд, ки онҳоро монанди дӯст доштани Худо дӯст медоранд. Ва мӯъминон дар дӯстии Худо қавитаранд» (Сураи Бақара: ояти 165).**

## Навъи дуввум, ширки асғар (хурд), ки онро риё мегӯянд:

Худованд мефармояд:

«فَمَن كَانَ يَرۡجُو لِقَآءَ رَبِّهِۦ فَلۡيَعۡمَلۡ عَمَلٗا صَٰلِحٗا وَلَا يُشۡرِكۡ بِعِبَادَةِ رَبِّهِۦٓ أَحَدَۢا ١١٩» [الكهف: ١١٩].

**«Пас касе, ки ба лиқои Парвардигораш умедвор аст, бояд ки кори писандидае анҷом диҳад ва дар парстиши Парвардигораш касеро шарик наёварад» (Сураи Каҳф: ояти 119).**

## Навъи саввуми аз анвоъи ширк, ширки хуфӣ аст.

Ва онҳам ширки пинҳон ва ғайри ошкоро гуфта мешавад.
Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«الشرك في هذه الأمة أخفى من دبيب النملة السوداء على صفاة سوداء في ظلمة الليل» [ابن كثير در تفسير ١/٥٧].

*„Ширк дар ин Уммати Муҳаммадӣ махфитар аз роҳ рафтани мӯрчаи сиёҳранг, ки бар тахтаи санги сиёҳе дар торикии шаб баҳаракат меафтад, мебошад“ (Ибни Касир дар тафсир 57/1).*

Ва кафораҳ ва ҷуброни ин ширк, яъне ширки махфӣ ва пинҳонӣ, ҳадиси Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, ки мефармояд:

«اللهم إنّي أعوذ بك أن أشرك بك شيئاً وأنا أعلم وأستغفرك من الذنب الذى لا أعلم» [أحمد].

*Парвардигоро! Ман ба Ту паноҳ мебарам агар ба Ту ширк варзам дар ҳоле ки медонам, ва аз Ту талаби*

*бахшиш металабам аз гуноҳе, ки надониста анҷом медиҳам“ (Ривояти Аҳмад).*

## *Куфр бар ду навъ тақсим мешавад:*

**Аввалан**, куфре, ки инсонро аз дин ва доираи Ислом хориҷ мекунад, ва он панҷ навъ аст:

1. ***Куфри таксиби Худо ва Расули Ӯ.***

Худованд муфармояд:

«وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ افْتَرَى عَلَى اللَّهِ كَذِبًا أَوْ كَذَّبَ بِالْحَقِّ لَمَّا جَاءَهُ أَلَيْسَ فِي جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْكَافِرِينَ ﴿٦٨﴾» [العنكبوت: ٦٨].

**«Ва кист ситамкортар аз касе, ки бар Худованд дурӯғ бандад, ё ҳақро чун ба сӯи ӯ ояд дурӯғ ангорад, оё ҷойшоҳи кофирон дар Ҷаҳаннам нест?» (Сураи Ъанкабут: ояти 68).**

2. ***Куфри адами (напазируфтани) қабули ҳақ ва такаббур ва ғурур кардан, бо донистан ва маърифати он.***

Худованд мефармояд:

«وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلاَئِكَةِ اسْجُدُواْ لآدَمَ فَسَجَدُواْ إِلاَّ إِبْلِيسَ أَبَى وَاسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ الْكَافِرِينَ ﴿٣٤﴾» [البقرة: ﴿٣٤﴾].

**«Ва чун ба фариштагон гуфтем: барои Одам сачда кунед, пас (ҳама) сачда карданд магар Иблис, ки напазируфт ва кибр варзид ва аз кофирон шуд» (Сураи Бақара: ояти 34)**

**3. *Куфри шакк ва тардид ва гумон.***

Худованд мефармояд:

«وَدَخَلَ جَنَّتَهُ وَهُوَ ظَالِمٌ لِّنَفْسِهِ قَالَ مَا أَظُنُّ أَن تَبِيدَ هَذِهِ أَبَدًا ﴿٣٥﴾ وَمَا أَظُنُّ السَّاعَةَ قَائِمَةً وَلَئِن رُّدِدتُّ إِلَى رَبِّي لأَجِدَنَّ خَيْرًا مِّنْهَا مُنقَلَبًا ﴿٣٦﴾ قَالَ لَهُ صَاحِبُهُ وَهُوَ يُحَاوِرُهُ أَكَفَرْتَ بِالَّذِي خَلَقَكَ مِن تُرَابٍ ثُمَّ مِن نُّطْفَةٍ ثُمَّ سَوَّاكَ رَجُلاً ﴿٣٧﴾ لَّكِنَّا هُوَ اللَّهُ رَبِّي وَلاَ أُشْرِكُ بِرَبِّي أَحَدًا ﴿٣٨﴾» [الكهف: ﴿٣٥﴾ - ﴿٣٨﴾].

**«Ва дар ҳоле, ки ба хештан ситамкор буд ба боғаш даромад. Гуфт: гумон намекунам,**

**ки ин (боғ) ҳеҷгоҳ нобуд шавад. Ва гумон намекунам, ки Қиёмат барпо шавад, ва агар (ҳам) ба сӯи Парвардигорам бозгардонида шавам, ба гумон бозгашти беҳтар аз онҳо хоҳам ёфт. Ҳамнишинаш дар ҳоле, ки бо ӯ гуфтугӯ мекард, ба ӯ гуфт: Оё ба Касе куфр меварзӣ, ки туро аз хок, онгоҳ аз нутфа офарид, сипас туро инсоне (комил) сохт. Вале ман (бовар дорам) ки Ӯ Худованд, Парвардигори ман аст ва касеро бо Парвардигорам шарик намесозам» (Сураи Каҳф: оёти 35 то 38)**

**4. *<u>Куфри рӯйгардонӣ (ибо) аз дин.</u>***

Худованд мефармояд:

«وَالَّذِينَ كَفَرُوا عَمَّا أُنذِرُوا مُعْرِضُونَ ﴿٣﴾» [الأحقاف: ٣].

**«Ва кофирон аз онҷӣ ҳушдор ёфтанд, рӯй гардониданд» (Сураи Аҳқоф: ояти 3).**

## 5. ***Куфри нифоқ.***

Худованд мефармояд:

«ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ آمَنُوا ثُمَّ كَفَرُوا فَطُبِعَ عَلَى قُلُوبِهِمْ فَهُمْ لاَ يَفْقَهُونَ ﴿٣﴾» [المنافقون: ﴿٣﴾].

**«Ин аз он аст, ки онон имон оварданд, сипас куфр варзиданд, ва бар дилҳояшон мӯҳр ниҳода шуд, пас онон дар намеёбанд» (Сураи Мунофиқун: ояти 3)**

Яъне имон ба забон оварданд ва бо дили худ кофир шуданд.

**Сониян: Куфре, ки инсонро аз дини Ислом хориҷ намекунад ва онҳам куфри неъмат аст.**

Худованд мефармояд:

«وَضَرَبَ اللَّهُ مَثَلاً قَرْيَةً كَانَتْ آمِنَةً مُّطْمَئِنَّةً يَأْتِيهَا رِزْقُهَا رَغَدًا مِّن كُلِّ مَكَانٍ فَكَفَرَتْ بِأَنْعُمِ اللهِ فَأَذَاقَهَا اللَّهُ لِبَاسَ الْجُوعِ وَالْخَوْفِ بِمَا كَانُواْ يَصْنَعُونَ ﴿١١٢﴾» [النحل: ﴿١١٢﴾].

**«Ва Худованд (дар бораи) шаҳре мисоле баён намуд, ки эмин ва осуда буд, рӯзиаш ба фарохӣ аз ҳар ҷо мерасид он гоҳ (аҳлаш) ба неъматҳои Худованд носипосӣ карданд, пас Худованд ба (сазои) кор ва кидорашон балои фарогири гуруснагӣ ва тарсро ба (аҳли) он чашонид» (Сурфи Наҳл: ояти 112).**

## Нифоқ бар ду навъ тақсим мешавад

Аввал - нифоқи эътиқодӣ.
Дуввум - нифоқи амалӣ.

**<u>Нифоқи эътиқодӣ</u>** шаш қисмат аст, ва соҳиби ин нифоқҳо дар поинтарин нуқтаи Ҷаҳаннам хоҳад буд.

1. Касе, ки Расулуллоҳ, салаллоҳу алайҳи ва салламро, таксиб кунад.
2. Касе, ки баъзе аз он чӣ Расулуллоҳ, салаллоҳу алайҳи ва саллам, овардааст, таксиб (бовар накунад) намояд.
3. Касе, ки аз Расулуллоҳ, салаллоҳу алайҳи ва саллам, нафрат дошта бошад.
4. Касе, ки аз баъзе чизҳое, ки Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аз назди Худованд оварда аст, нафрат дошта бошад.
5. Хушҳолӣ ба коста шудани дини мубини Ислом ва тарафдорони он.
6. Нафрат доштан аз пирӯзиҳои Ислом бар куфр.

**<u>Нифоқи амалӣ</u>** панҷ қисмат аст. Расулуллоҳ (салаллоҳу алаҳи ва саллам) мефармояд:

«آية المنافق ثلاث: إذا حدّث كذب و إذا وعد أخلف وإذا أؤتمن خان» [متفق عليه]. وفي رواية «إذا خاصم فجر وإذا عاهد غدر» [متفق عليه].

*«Аломатҳои мунофиқ се чиз аст: ҳангоми сухан гуфтан дурӯғ мегӯяд, ва агар ваъда диҳад, ваъдахилофӣ мекунад ва ба ваъдааш амал намекунад, ва агар ба ӯ амонат супурда шавад, хиёнат мекунад – ва дар ривояти дигар – агар хусумат намояд, фуҷур (бад ва бероҳ) мегӯяд, ва агар аҳд ва паймоне бо касе бибандад, аҳдшиканӣ ва хиёнат мекунад» (Муттафақ алайҳи).*

## Маънои тоғут ва анвоъи аслии он.

Ай бародар бидон, ки аввалин чизе, ки Худованд бар бани Одам фарз намуд, куфр ба тоғут ва имон ба Худои Якто аст.

Худованд мефармояд:

«وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَۖ ﴿٣٦﴾» [النحل: ﴿٣٦﴾].

**«Ба яқин дар (миёни) ҳар уммате расулеро барангехтем, (бо ин даъват) ки: Худовандро бандагӣ кунед ва аз тоғут бипарҳезед» (Сураи Наҳл: ояти 36).**

**Аммо сифат ва кайфияти куфр ба тоғут**: Ботил донистани ибодати ғайр аз Худо ва тарки он ибодат, ва нафрат доштан аз он ва кофир донистани касе, ки чунин кореро анҷом медиҳад, ва душманӣ кардан бо ӯ -ин маънои куфр ба тоғут аст-.

**Ва имон ба Худо**: мӯътақид будан ба Худои Яктое, ки ҳеҷ шарике надорад, ва тамоми ибодатҳоро хосан барои ризои Ӯ анҷом додан, ва ғайр аз Ӯ ҳеҷ маъбуди дигареро напарастидан, ва яктопарастонро дӯст доштан ва аз онон пуштибонӣ кардан, ва аз мушрикон нафрат

доштан ва бо онон душманӣ кардан, ва ин ҳамон дини Иброҳим (алайҳи салом) аст ва касе, ки аз дини Иброҳим (алайҳи салом) рӯй гардонад нодон ва девона ва аҳмақ аст. Ва пайрави аз дини Иброҳим (алайҳи салом) ҳамон усва ва қудваи ҳасана ва нек аст.

Худованд мефармояд:

«قَدْ كَانَتْ لَكُمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ فِي إِبْرَاهِيمَ وَالَّذِينَ مَعَهُ إِذْ قَالُوا لِقَوْمِهِمْ إِنَّا بُرَآء مِنكُمْ وَمِمَّا تَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ كَفَرْنَا بِكُمْ وَبَدَا بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةُ وَالْبَغْضَاء أَبَدًا حَتَّى تُؤْمِنُوا بِاللَّهِ وَحْدَهُ ﴿٤﴾» [الممتحنة: ٤].

**«Ба ростӣ, ки бароятон дар Иброҳим ва онон, ки бо ӯ ҳамроҳ буданд, сармашқи накӯст – чун ба қавми худ гуфтанд: мо аз шумо ва аз он чӣ шумо ба ҷои Худо мепарастед безорем. Ба шумо нобовар шудаем, ва байни мо ва шумо барои ҳамеша душманӣ ва кийна падид омада аст. То ин ки танҳо ба Худованд имон оваред» (Сураи Мумтаҳина: ояти 4).**

Ва тоғут исми ом аст, ки ҳар он чиро, ки ғайр аз Худованд ибодат шуд, ва ӯ ба ин ибодат розӣ

бошад, ва дар ҷиҳати итоати Худо ва Расули Худо (салаллоҳу алайҳи ва саллам) набошад, шомил мешавад.

## Тоғутҳо анвоъи зиёдеанд ва сарони тоғут панҷ чизанд:

***Аввал***: Шайтон, ки ба сӯи ибодани ғайр аз Худои Якто даъват мекунад. Худованд мефармояд:

«أَلَمْ أَعْهَدْ إِلَيْكُمْ يَا بَنِي آدَمَ أَن لَّا تَعْبُدُوا الشَّيْطَانَ إِنَّهُ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ ۝٦٠» [يس: ٦٠].

**«Ай фарзандони Одам, оё ба ҳукм накарда будам, ки шайтонро напарастед. Ки ӯ бароятон душмани ошкор аст» (Сураи Ёсин: ояти 60).**

***Дуввум***: Ҳоким ва подшоҳи золим ва ситамкор, ки ҳукми Худоро тағир медиҳад.

Худованд мефармояд:

«أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ يَزۡعُمُونَ أَنَّهُمۡ ءَامَنُواْ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ وَمَآ أُنزِلَ مِن قَبۡلِكَ يُرِيدُونَ أَن يَتَحَاكَمُوٓاْ إِلَى ٱلطَّٰغُوتِ وَقَدۡ أُمِرُوٓاْ أَن يَكۡفُرُواْ بِهِۦ وَيُرِيدُ ٱلشَّيۡطَٰنُ أَن يُضِلَّهُمۡ ضَلَٰلَۢا بَعِيدٗا ٦٠» [النساء: ٦٠].

**«Оё ба касоне, ки гумон мебаранд, ки онон ба он чӣ ба сӯи ту фурӯ фиристода шуда, ва он чӣ пеш аз ту фурӯ фиристода шуда аст, имон овардаанд, нангаристаӣ? Мехоҳанд, ки ба тоғут ҳукм баранд, ҳол он ки фармон ёфтаанд, ки ба ӯ куфр варзанд, ва шайтон мехоҳад, ки онҳоро ба гумроҳии дур ва дароз афканад» (Сураи Нисо: ояти 60).**

***Саввум***: Касе, ки ба ғайр аз ҳукми Худо қазоват намояд.

Худованд мефармояд:

«وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ ٤٤» [المائدة: ٤٤].

**«Ҳар кас, ки ба он чӣ Худованд нозил карда аст, ҳукм накунад, ононанд, ки кофиранд» (Сураи Моида: ояти 44).**

***Чаҳорум***: Касе, ки иддаъои илми ғайб мекунад.

Худованд мефармояд:

«عَالِمُ الْغَيْبِ فلاَ يُظْهِرُ عَلَى غَيْبِهِ أَحدًا ﴿٢٦﴾ إلاَّ مَنِ ارْتَضَى مِن رَّسُولٍ فَإِنَّهُ يَسْلُكُ مِن بَيْنِ يَدَيْهِ وَمِنْ خَلْفِهِ رَصَدًا ﴿٢٧﴾» [الجن: ﴿٢٦﴾ ﴿٢٧﴾].

**«(Парвардигорам) Донои ғайб аст. Ва касеро бар ғайби Хеш огоҳ намесозад. Магар касоне аз расулонеро, ки Худ биписандад. Ки Ӯ пешопеш ва пушти сари ӯ нигаҳбонеро раҳсипор мекунад» (Сураи Ҷин: ояти 26 ва 27).**

Ва ҳамчунин мефармояд:

«وَعِندَهُ مَفَاتِحُ الْغَيْبِ لاَ يَعْلَمُهَا إِلاَّ هُوَ وَيَعْلَمُ مَا فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ وَمَا تَسْقُطُ مِن وَرَقَةٍ إِلاَّ يَعْلَمُهَا وَلاَ حَبَّةٍ فِي ظُلُمَاتِ الأَرْضِ وَلاَ رَطْبٍ وَلاَ يَابِسٍ إِلاَّ فِي كِتَابٍ مُّبِينٍ ﴿٥٩﴾» [الأنعام: ﴿٥٩﴾].

**«Ва калидҳои ғайб ба назди Ӯст. Ҷуз Ӯ (касе) аз он огоҳ нест ва медонад он чиро, ки дар биёбон ва дарёст, ва ҳеҷ барге (аз дарахт) намеафтад магар он ки онро медонад ва ҳеҷ донае дар торикиҳои замин (намеафтад) ва на ҳеҷ тар ва хушке магар он ки дар китоби равшан (навишта) аст» (Сураи Анъом: ояти 59).**

***Панҷум***: Касе, ки ӯро бағайр аз Худо ибодат мекунанд ва ӯ ба он ибодат розӣ аст.

Худованд мефармояд:

«وَمَن يَقُلْ مِنْهُمْ إِنِّى إِلَٰهٌ مِّن دُونِـهِۦ فَذَٰلِكَ نَجْزِيهِ جَهَنَّمَ كَذَٰلِكَ نَجْزِى الظَّالِمِينَ ۝٢٩» [الأنبياء: ٢٩].

**«Ва ҳар кас аз онон бигӯяд: ман ба ҷои Худо ҳастам, Ҷаҳаннамро сазои Ӯ мегардонем. Бадинсон (яъне ин тавр) ба ситамкорон сазо медиҳем» (Сураи Анбиё: ояти 29).**

Ва бидон, ки инсон наметавонад мӯъмин ба Худо шавад то замоне, ки ба тоғут куфр меварзад. Худованд мефармояд:

«فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِن بِاللهِ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَىٰ لَا انفِصَامَ لَهَا وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٢٥٦﴾» [البقرة: ٢٥٦].

**«Пас ҳар кас, ки ба тоғут куфр варзад ва ба Худо имон оварад, (бидонад) ки ба дастовези (бас) маҳкаме чанг задааст, (ки) он гусастанӣ надорад. Ва Худованд Шунаво ва Доност» (Сураи Бақара: ояти 256).**

Бидон, ки рушд ва ҳидояти дин Муҳаммад (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, ва гумроҳии дин Абуҷаҳл аст, ва риштаи устувор ва маҳкам шаҳодати „ло илоҳа илаллоҳ“ аст. Яъне: Гувоҳӣ додан, ки маъбуде ба ҳақ ҷуз Худои Якто нест, ки мутазимни нафӣ ва исбот мебошад, тамоми анвоъи ибодати ғайр аз Худоро нафӣ (инкор) мекунад, ва тамоми анвоъи ибодатро фақат барои Худои Якто исбот мекунад.

والحمد لله الذى بنعمته تتم الصالحات.